# Тиреза

Бюллетен

ОНҶОЕ, КИ ОДАМОН ВА ЭҶОДИЁТ ВОМЕХӮРАНД

ҶИЛДИ 2, НАШРИ 4


| Чорабиниҳои асосӣ: |

*«Оҳангсозони бузурги Фаронса»*

20-уми июн, 17:00
**Консерти мусиқии классикӣ.**
*Консерваторияи миллии Тоҷикистон, ба номи Т.Сатторов*

21-уми июн,
***«Fete de la Musique»***
19:00. Консерти мусиқии.
*Театри тобистонаи «Падида»*

| Дар ин нашр: |


«Не зарастёт Народная тропа…в интернет» 2

Ҷаз гуногун мебошад… 3

Мусиқинавозони ҳама кишварҳо – муттаҳид шавед! 4

Фестивали фортепиано дар Душанбе. Интервю бо пианисти амрикоӣ, Дэвид Коревар 5

Набудани мусиқиро, ман ҳатто тасаввур карда наметавонам... 6

Внимание конкурс! 6






www.bactria.net

BACTRIA

Культурный Центр "Бактрия"
734000, Душанбе
ул. Мирзо Ризо 22

Bactria Culture Centre
Mirzo Rizo Street 22
734000, Dushanbe

+(992) 227-03-69
227-02-57
bactria@acted.org

ACTED

Ҷилди 2, Нашри 4

## «Не зарастёт Народная тропа … в интернет»

Интернет - мунақид ва продюсери умумихалқӣ мебошад. Маҳз ҳаминтавр фазои нави фаъолиятро тавсиф кардан мумкин аст. Имрӯз, барои он ки ҳунарманди навкор бо мардуми зиёд шинохта шавад, танҳо сабтҳои худро дар интернет гузоштанаш кофӣ мебошад. Тадбирҳои ба наздикӣ гузаронида шуда, мисли “Оркестри виртуалӣ” дар портали “YouTube”, “Хит Парад Неформат” дар НТВ, шаҳодат медиҳанд, ки дар системаи пешбарии мусиқӣ алтернатива вуҷуд дорад. Мухлисони мусиқӣ ва истеъдоди худро бе сармоягузориҳои бузурги молиявӣ ҳам ёфтан мумкин аст.

Лоиҳаи “YouTube” оркестри виртуалиро иборат аз 90 навозанда аз 30 кишвари дунё ҷамъ кард, ки онҳо бо садои “зинда” дар толори маъруфи Карнеги Холл дар Ню Йорк, тахти дирижёри машҳур Майкл Тилсон Томас (Michael Tilson Thomas), баромад карданд. Барои иштирок намудан дар ин оркестр, яке аз партияҳоро барои асбоби мусиқии дӯстдошта аз тариқи интернет гирифта, иҷроиши онро дар видео сабт намуда, ба сайти You Tube гузоштан лозим буд. Албатта, натиҷаи кори овоздиҳиро зарараш аз фоидааш кам нест, аммо интернет “фабрика” аллакай ба кор даромадааст.




Боз як мисоли дигар ин Хит Парад Неформат (ғайриқолабӣ) мебошад. Ташкилотчиёни ин базм, ситораҳои қолибшударо писанд накарда, ба эфир мусиқиашон аз интеренет бештар гирифта мешавад ва касонеро, ки “ғайриқолабӣ” меноманд.

Шахси машҳуршудаи дигареро, ки дар рунет Ҷими номиданд, шаҳрванди Тоҷикистон мебошад. Ӯ ба туфайли интернет таваҷҷӯҳи 180 ҳазор одамро ҷалб кард. Инчунин гурӯҳи британиягии этно-электро мусиқӣ - “Asian Dub Foundation” ба эҷодиёти ӯ диққат доданд. Ин гурӯҳ Боймуроди-Ҷимиро барои баромад намудан ба консерти худ даъват кард.

Аз рӯи он хабаргузориҳое, ки дар ТВ-и русӣ дода шуда буд, як хулоса бармеояд – гастарбайтерони ҳозира, навозандагони пештара мебошанд. Шавқу ҳаваси мардуми русро ба Ҷими бо экзотикӣ, табии ва содда буданаш, шарҳ додан мумкин. Албатта масъала баҳсангез мебошад, вале Боймурод тавонист, ки ба саҳнаи калони “Ролл Холл” барояд. Бо як сатили холӣ ва задани оҳанг, истеъдоди вокалӣ ва артистизмии худро нишон дод.

Албатта, интернет ҳамчун фазои алтернативӣ барои эҷодиёт ва истеъдоди ҳақиқӣ шуда метавонад. (http://asiaplus.tj/articles/137/3599.html) Аз ҳама муҳимаш он аст, ки ҳамаи ин боз “фабрикаи ситораҳо” онлайн шуда намонад.

Басанова Анна

**Он ҷое, ки одамон ва эҷодиёт вомехӯранд**

www.bactria.net

Ҳайати муҳаррирон: Георгий Мамедов, Адриенн Рушка, Анна Басанова (сармуҳаррир)
Тарҷумонҳо: Фарух Кузиев, Толиб Бахромӣ, Адриен Рушка
Суратҳо: Ҷамшед Холиқов, Антон Рухлов.
Дизайни муқова: Антон Рухлов.

**Шарикон**: ACTED, Сафорати Фаронса, Сафорати ИМА, Раёсати Швейтсария доир ба тараққиёт ва ҳамкорӣ.

## Ҷаз гуногун мебошад….

Мо дар бораи ҷаз чиро медонем? Муайяноти аниқро ёфтан душвор аст. Ва инро кардан ҳам мушкил аст… Охир то ҳол муайяноти универсалиро ба ҷаз, ҳеҷ кас надодааст. Мутахассисон, ҷазро ҳамчун яке аз намудҳои мусиқӣ мешуморанд, ки он дар худ анъанаи забонҳои мусиқӣ ва фарҳангҳои халқҳои гуногуни рӯи Заминро ҷамъ кардааст. Барои ҳаваскорон ҷаз бо импровизатсия монанд карда мешавад.



Дар ҳақиқат ҳам ҷаз – импровизатсияи якҷояи якчанд мусиқинавоз мебошад. Дар бораи таърихи пайдоиш ва тараққиёбии ҷаз бисёр сухангӯӣ намекунем. Танҳо инро қайд мекунем, ки ҷаз бо туфайли якҷояшавии анъанаҳои мусиқии аврупоӣ ва африқоӣ, инчунин бо ҷараёни минбаъдаи беҳамтои тараққӣ кардани он ба вуҷуд омадааст. Дар натиҷа, бартарӣ намудани ибтидои эҷодӣ ба вуқӯъ омад ва тадриҷан ҷаз аз ҳудудҳои фарҳангӣ ва территориявии худ берун баромад.

Имрӯз ҷаз дар худ сабкҳои хеле гуногунро дар бар мегирад: аз «блюз»-и халқии қадимӣ, рэгтайм, ид аз байни свинг, би-поп ва ҷази муосир сар карда, то ба шаклҳои озоди фри-ҷаз ва мусиқии электронӣ.

Блюз – барои ҳаваскорони ҷаз, аз ҳама сабки наздик ва фаҳмо мебошад. Аксар вақт мепиндоранд, ки маънои навохтани блюз аз андӯҳ дур шудан мебошад. Ин барои навозандагон чунон муҳим мебошад, зеро бисёриҳо танҳо дар вақте менавозанд, ки эҳсосоти андӯҳгин ба вуҷуд меояд ва он ба оҳангҳои нарму ҳамвори пур аз садоҳои ғамангезу ғуссангез мерезад.

Лекин, ба осонии зоҳирии шаклҳои мусиқиаш нигоҳ накарда, дар асл ҳамавақт бо тариқаҳои хеле гуногун навохта мешавад.

Формулаи мусиқиаш чунин мебошад: 8 ё аксар вақт 12 зарба. Матн чунин тартиб дода мешавад: мисраи якум ду бор такрор мешавад ва сеюмаш бошад хулосаи мантиқии мисраи пешина мебошад.

Блюз якчанд намуд дорад. Диққати махсусро он намуди блюз ишғол мекунад, ки дар он ба ҷои сурудани шеър, баръакс бо ҳамоҳангии гитара бо тарзи кӯтоҳ сухан гуфта мешавад.

Дар охирҳои 40-ум ва 50-ум намуди нав ба вуҷуд омад – «ритм-энд-блюз». Онро тақвият намудани ҳамоҳангии асбобҳо, тарзи тез навохтан, бо суръати тезтар, вазни айён ифода шаванда фарқ мекунонад. Пешбарони ин равия дар он солҳо саксафонистҳо Луис Ҷордан ва Эрл Бостик, гитаранавозҳо «Ти-Боун» Уокер ва Мадди Уотерс, пианинонавозҳо Ҷей МакШэнн ва каме баъдтар Рэй Чарлз, вокалист Бит Ҷо Тернер буданд. Назар ба сабкҳои пешинаи ҷаз дар би-боп вазифаи асбобҳои гурӯҳи вазндеҳ – фортепиано, контрабас, гитара ва асбобҳои зарбавӣ дигар шуданд. Дар қатори асбобҳои дамӣ, инҳо ҳам, ҳамчун асбобҳои якканавоз дар ансамбл истифода мешуданд.

Вазифаи асосии асбоби вазнузарбадеҳиро, ба ҷои нақора, дар он табақҳо мебозанд.

Би-боп қариб ки муддати панҷ сол ақлу ҳуши ҳаводорони мусиқиро гирифта буд. Модоме, ки мувозинат ба он кул-ҷаз (ҷази хунук) ба вуҷуд омад ва ҷӯшухурӯши эҳсосоти би-бопро хунук кард. Кул-ҷаз – сахт, пуртаъсир, вазнин, бештар лирикӣ мебошад. Барои ин сабк хушоҳангӣ, арзиши баландтари композитсия ва мувофиқатӣ, шаффофӣ ва назокатӣ махсус аст.

Солҳои 70-ум дар мусиқии ҷаз асоситарин равия ин ҷаз-рок шуд. Ин равия бо роҳи иттиҳод намудани набзи вазни рок-мусиқӣ, мувофиқати мураккаби ҷазӣ ва ҷаз импровизатсия ба вуҷуд омадаст. Дар оғози ташаккули ҷаз-рок карнайчии мазангӣ Майлс Дэвис меистод. Вай дар ин сабк электрогитараҳоро, ҳар хел асбобҳои электронии тугмадорро ва синтезаторҳоро, ки садояш гӯё мисли гипнотикӣ асосан ба аудиторияи ҷавон таъсир мекард, инчунин ҳамин тавр намуди зоҳирӣ, тарзи рафтор ва баромади мусиқинавозон ҳам таъсир мерасонид.

Дар ҷараёни вусъатёбӣ ҷаз-рок ба равияи дигар – «фюжен», ки дар он элементҳои ҷаз, рок-мусиқӣ, хусусиятҳои фарҳанги мусиқии аврупоии муосир, мисли – по, рок, фолк, регги, хип-хоп, металл мебошад, табдил ёфт. Ба вай нозукӣ, мӯҷазбаёнӣ, тарзи андешаронии фалсафӣ, орзуи рӯшноӣ ва дар айни замон талхӣ ва истеҳзо махсус мебошад.

Ҷаз – сабки бисёрҷабҳа мебошад. Чӣ қадаре, ки ту дар ин жанр менавозӣ ва оҳанги онро гӯш мекунӣ, онро то охир андаррасидан мумкин нест. Ва навозандагони ҷаз роҳҳои нави ташаккули ҷазро меҷӯянд.

Намедонам ягон фоидае бошад, ки бо кадом самт рушд ёфтани ҷазро, дар асри навини мо, пешгӯии кунем. Дар як чиз мо ҳамеша дилпур шуда метавонем – Ҷаз ҳамавақт дар худ он чизҳои беҳтаринро, ки бо худ сабкҳои асри гузашта оварда буданд, дар оянда нигоҳ медорад. Ва вазифаи асосии худро – яъне расонидани эҳсосотҳоро, иҷро мекунад.

*Тахмина Гоибназарова*

# Мусиқинавозони ҳама кишварҳо – муттаҳид шавед!



Роҳбари барнома Ф. Кузиев (МФ «Бохтар»), фикрашро нисбати ҷаз фестивали Душанбе, тақрибан ҳамин тавр ифода кард. Дар дами анҷомёбии қисмати назариявӣ, рӯзи чоруми фестивал, дар сари мизи мудавар нишаста Ф. Улмасов (проректори КМТ) хеле бonaзокат сабки лоиҳаро тавсиф намуд.

Оё дар фестивал ҷаз мавҷуд буд, ё дар бораи мавҷуд будани ҷази тоҷикӣ сухан гуфтан мумкин аст?! Агар гурӯҳи «Мизроб»-ро (Тоҷикистон) дар назар гирем, онҳо соли гузашта дар сеюм ҷаз фестивали Байналхалқии Бишкек ва имсол дар Екатеринбург иштирок карда буданд, ва дар ин сурат сарфи назар аз он ки чунин масъаларо ба худ нагузошта бошанд ҳам, онҳоро ғайри «ҷазӣ» гуфтан мумкин нест. Онҳо бо асбобҳои халқҳои Осиёву Аврупо менавозанд, импровизатсияҳои мувофиқатиро эҷод мекунанд, боигариҳои оҳангии шаклҳои мусиқавии халқиро мекушоянд. Ба сурудҳои ҳиндӣ, эронӣ, русӣ, тоҷикӣ, шинохта ва нав эҷодшуда, толор бо эҳтиром гӯш мекард.

Баъд аз ин шахсони «баланд маърифат» бо таҷрибаи панҷоҳсола, гурӯҳи «Арсах», баромад кард. Гурӯҳ сертаккалуфона, сахт, мусаҳҳеҳ композитсияҳои ҷазиро инъикос намуд. Тромбон «садо медод», ки вай аз они ҷаз аст.

Бо садои оҳангаш саксофони гурӯҳи «Арвана» (Туркманистон) ҳамаро ба ҳаяҷон овард. Дар толор нишастагиҳо фарёд мезаданд, пардаҳои гӯш ба ларза меомаданд. Консерт давом мекард.

Фарҳанги баланди ҷази қирғизиро бозиёна, бошарафона, «ҷазвор» гурӯҳи «Соленые орешки» тақдим кард. Дар таҷрибаҳои худ этно-ҷаз ҳам жанри қирғизиро ва ҳам стандардҳои классикии ҷазро ба сабк даровард.

Бо се ҳунармандони гурӯҳи «Caspian Jazz Group» (Озарбойҷон) фазои бои оҳанги ҷаз фаро гирифт. Навозандагон донишҷӯ буданд, лекин донишҷӯҳои мактабе, ки таҷрибаи 70 сола дорад. Аз онҳо джази-интеллигентӣ, джази – ҳамоҳангии «ширин», джази - «раъду барқ», яъне Джази дараҷаи олӣ шунида шуд.

Гурӯҳи «Авеста» (Тоҷикистон) шунаво баромад кард, вале каме сердод, гӯё дар болои дара истода дар тори қуллаҳои гуногун ба якдигар дод гуфтанд. Вақте ки бо роял хатмкунандаи равияи асбобҳои дамӣ, якка менавохт, тугмачаҳои роял гӯё оҳанин барин меҷарангиданд, на мехонданд.

Дар мавриди муаррифӣ кардани мусиқии иштирокчиёни ҷаз фестивал дар ҷем-сессия вазъияти ғайричашмдошт рӯй дод: аз толор ба роял навозанда «часпид», ба асбобҳои зарби ҳам аз тамошобинон омаданд, сурудхон – ҳунарманд набуд ва дар натиҷа суруди «Ҷӯраҷонам» III, аз они Ҷӯраев ба вуҷуд омад.



Хулоса, дар Душанбе иди мусиқӣ барпо гардид. Ва нишон дод, ки фарҳанги ҷазро инкишоф, навозиш, тарбия кардан лозим аст. Чигилона буданаш лозим, набодо наандешида тамошобини бефарҳангро ба вуҷуд наорад, ё набодо обрӯю эътибори чунин равияи беназири мусиқиро – чун ҷаз паст накунад. Ҷаз хеле мувофиқ стандардҳои сабкҳои этно-, фолк-, фюжен-, -ро ба худ синтез мекунад. Вазнҳо, созишҳо, зарбаҳоро, ки бо чандин наслҳо эҳё карда шуда буданд импровизатсия ва нигоҳ медорад, ва инчунин имкониятҳои эҷодиётии сароядаҳои дастаҳоро инкишоф медиҳад. Тайёрии лозимии касбӣ, ҳам ба вуҷуд овардани оҳангҳои навро дар назар мегирад ва ҳам муносибатро бо шахси кордон «аз толор», яъне режиссёри дар курсӣ нишаста гӯем ҳам мешавад. Аз баланд садо будани иҷроиш – суруд беҳтар намешавад. Хушоҳангӣ бояд мавзунӣ, ҷӯръати ҳамоҳангиҳо –мафҳуми мусиқӣ дошта бошад.

*Зарема Карпова, санъатшинос.*

## Фестивали фортепиано дар Душанбе
## Интервю бо пианисти америкоӣ, доктор Дэвид Коревар

*Бори дуюм ба Душанбе Шуморо чӣ овард, каме барои хонандагони мо хабар медодед?*

Чун ташрифи якум, ин дафъа ҳам ман аз тарафи Намояндагии Фарҳангии Муассисаи Давлатии ИМА, даъват шуда будам. Рости гапро гӯям, ман худам хеле кӯшиш намудам, ки маро ин дафъа ҳам ба ин ҷо фарёд кунанд. Зеро дилгармӣ ва самимияти халқи тоҷик маро хеле дилписанд омада буд.

*Барномаатон хеле аҷоиб буд. Дар бахши якуми он, Шумо ба табъи нишастагиҳо асарҳои Шаҳидӣ ва Копландро навохтед. Оё ба ғайр аз хости худатон, боз ягон сабаби махсус буд, ки шумо асари навозандаҳои ин ду миллатро ба барномаатон даровардед?*

Бахши якуми барнома махсус ҳамин тавр сохта шуда буд. Толиб Шаҳидӣ махсус барои ман, Травиатаи Фантазияро эҷод намуда буд, ва инчунин прелюдияҳои падарашро ҳамчун пешниҳод барои зам намудан фиристонид. Ман хостам, ки роҳеро пайдо намуда, асарҳои тоҷикиро бо асарҳои америкоӣ мувофиқ кунам, зеро дуюмаш ҳам барои ман аҳамияти махсус дорад. Ҳамин тавр, аранжировкаи (ҳамон аранжировкае, ки ман солҳои 1980 кардам) эҷод кардаи ман, барои мувозинат намудани баёни шахсии Толиб (ки хеле фарқ мекунад) истифода шуда буд. Прелюдияҳои Зиёдулло Шаҳидӣ бошад, якумаш онҳо, эҷодиёти падари мусиқии тоҷик ва дуюмаш, ба асосҳои мусиқии халқии тоҷикӣ такия мекунанд. Ман орзу доштам, ки он ду ғояҳоро бо ду қисмҳо пайваст намоям. Қисми якум (Вариатсияҳои Копланд барои фортепиано), ин муҳимтарин соло пианинонои яке аз шахсонест, ки ӯро ҳамчун падари мусиқии америкоӣ медонанд. Қисми дуюмаш бошад (Хотираҳои даҳшатноки Ржевский), ба асосҳои мусиқии халқии америкоӣ такия карда мешавад, ки услуби истифоданамудани он, аз услуби З. Шаҳидӣ хеле фарқ мекунад. Ҳамин тавр, ин аст қисми якуми барномаи консертии ман.



*Чӣ тавр Шумо бо мусиқии Зиёдулло Шаҳидӣ шинос шудаед?*

Бори аввал, ман мусиқии ӯро дар ташрифи якуми худ ба Душанбе, ки баҳори соли 2008 буд, шунидам. Онро дар вақти мастер-класс як ҷавоне дар мактаби мусиқӣ менавохт.

*Шумову Толиб Шаҳидӣ қисми мусиқиҳои косертро аранжировка кардаед. Чӣ тавр, оё ин фикри шумо буд ё аз Шумо хоҳиш карда шуда буд, ки мусиқии аранжировка кардаи ӯро «Di Madrid noi siam mattadori» аз La Traviata, навозед? Оё Шумо бо Толиб Шаҳидӣ пештар кор карда будед?*

Ман бо Толиб соли гузашта шинос шудам, вақте ки ман Этюди зиндаи ӯро «Суфӣ ва Будо»-ро барои консертам дар Кохи Ваҳдат, аз ёд карда будам. Ман мусиқии ӯро хеле дӯст доштам, ва ман хеле хушҳол шуда будам, вақте ӯ қарор дод, ки аранжировкаи Травиатаро (ки хеле сабки шахсӣ дошт) барои ман тайёр менамояд. Ба боло нигаред ва мефаҳмед барои чӣ аранжировкаи ман дар барнома тамом шуд.

*Агар хато накунам, ман шунида будам, ки Шумо дар ташрифи гузаштаатон мастер-класс дода будед. Аз рӯи ин таҷрибаатон, дар бораи вазъияти мусиқии классикӣ дар Тоҷикистон ва дар бораи навозандагони ҷавони ин ҷо чӣ гуфта метавонед?*

Бале, ман чун соли гузашта, имсол ҳам гузаронидани мастер-классҳоро (дар Консерватория, Донишгоҳи Миллии Санъат ва дар мактаби мусиқии Шаҳидӣ) давом дода истодаам. Маро шавқу рағбате, ки муаллимон ва мудирони донишгоҳ нисбати мусиқии классикӣ доранд ва гузаштани ин муҳаббат ба насли наврас, рости гап ба тааҷҷуб овард. Албатта, хеле душвориҳои зиёд (фортепианоҳои нав нест, устоҳои хуби фортепиано нестанд, фортепианоҳои нав ба ҷумҳурӣ ворид намешаванд ва ғайра) мавҷуд дорад, ки онҳоро паси сар кардан лозим аст. Аммо, муҳаббат нисбати мусиқӣ ва одамони бо ҳавас, бешубҳа дар ин ҷо мавҷуд ҳастанд.

*Ҳамчун шахси таҷрибадор, зеро Шумо дар тамоми дунё консертҳо гузаронидаед, ва ҳамчун профессори соҳаи фортепианонавозмм Донишгоҳи Колорадо, дар охир ба пианистони ҷавону умедбахши тоҷик, чӣ гуна сухани насиҳатӣ дода метавонед?*

Кори худро дӯстдоред ва суботкор бошед!

*Роҷер Гранвил*

## Набудани мусиқиро, ман ҳатто тасаввур карда наметавонам…

Пианисти машҳур, профессор, ҳунарманди шинохтаи Россия, лауреати ҷоизаи губернатори вилояти Свердловск барои корҳои намоён дар соҳаи адабиёт ва фарҳанг—Валерий Шкарупа соли 1958 дар Душанбе таввалуд шудааст. Баъд аз синфи 9-уми мактаби мусиқии ба номи З. Шаҳидӣ, ӯ ба курси дуюми Омӯзишгоҳи мусиқӣ дар назди Консерваторияи Давлатии шаҳри Москва буда, дохил шуда, баъдан онро хатм мекунад. Соли 1987 Шкарупа Аспирантураи Консерватория Москваро хатм мекунад. Чӣ тавре, ки худаш мегӯяд, дар ҷавони ӯ асарҳои мусиқӣ менавиштааст, ҳатто мегуфтаанд, ки ӯ композитори бузург мешавад, аммо муҳаббат ба навохтан дар фортепиано аз ҳама чиз бартарӣ намуд… Алоқа бо ватанаш бошад, гум нашудааст: ҳар сол ҳаводорони санъати ӯ, бо камоли хурсандӣ консертҳои Шкарупаро дар Душанбе тамошо карда метавонанд. Имсол, ба туфайли Нахустин Фестивали Байналхалқӣ доир ба мусиқии фортепиано “Piano-forte”, ки ӯ дар он иштирок намуд, консерти ӯ баргузор гардид. Ман ба ӯ якчанд савол дода тавонистам:

- Валера, ба назари шумо, оё фестивал нағз гузашт ва стаҳи он чӣ гуна буд?

- Аз рӯи он ки дар фестивал чунин иштирокчиёни ботаҷриба ва шинохта, мисли Вазген Вартанян, Дэвид Коревар, Зайтуна Норинбаева ва дигарон навохтанд, пас сатҳи онро хеле баланд гуфтан мумкин аст. Ман бо лаззат баромади онҳоро гӯш мекардам.

- Афсӯс, ки мусиқии классикӣ, мисли “попса” оммавӣ нест. Ба фикри шумо чӣ бояд кард, ки мардум бештар ба консертҳои мусиқии классикӣ раванд, ва ин равия ҳам оммавӣ шавад?

- Ман бисёр таассуф мехӯрам, зеро ин имконпазир нест. Дар сари ин масъала тӯли асрҳо кор мекунанд. Дар бобати “попса” бошад, гуфтаниям, ки ҳар он чӣ ба табъи гуногун фаҳмо мебошад, он ҳамон замон оммавӣ мешавад.

- Пас чӣ бояд кард?

- Ба назари ман, дар Тоҷикистон донишомӯзии мусиқӣ барои кӯдакон нуқсони ҷиддӣ дорад. Сараввал бояд обрӯю эътибори муаллим-навозандаро баланд намудан лозим, то он ки насли наврас хоҳиши мисли ӯ шуданро пайдо кунад. Барои ин бошад, хеле ҷиддӣ заҳмат кашидан лозим ва дар ин кор на танҳо Вазорати фарҳанг, балки Ҳукумати Ҷумҳурӣ ҳам бояд саъю кӯшиш намояд.

- Дар Душанбе Шумо назди мардуме баромад мекунед, ки асосан аз дӯстони Шумо, ҳамсинфонатон, ҳамкурсонатон ва ғайраҳо иборат мебошанд. Эҳсосоти Шумо дар ин консертҳо чӣ гуна мебошад?

Ман хайрхоҳӣ ва хурсандии толорро ҳис мекунам ва ман ҳам низ чунин эҳсосот нисбати онҳо дорам.

- Фарз кунем, ки мусқӣ тамоман мавҷуд набошад. Онгоҳ бо чӣ кор Шумо машғул мебудед?

- Барои ман инро тасаввур кардан, ҳам душвор ва ҳам даҳшатовар мебошад. Вале, чӣ тавре, ки набошад, дар чунин ҳолат ман худро дар яке аз соҳаҳои гуманитарӣ тасаввур мекунам: мумкин ки ягон равияи бо сухан алоқаманд буда бошад. Рӯзноманигор ё шоир, боз он ки ман дар айёми ҷавонӣ шеър эҷод мекардам.

- Ба хурсандии зиёди мухлисони Шумо, хайрият Шумо пианист шудаед, ва ман ба Шумо толорҳои, доимо пур аз шунавандагонро орзуманд ҳастам.

- Ташаккури зиёд.

*Амал Хонум ҲОҶИЕВА*

## Внимание Конкурс!

Бохтар_Арт омӯзиш

Приём заявок объявляется открытым! – 5-ый Конкурс для всех композиторов не старше 30 лет, жителей следующих стран: Албания, Армения, Азербайджан, Белоруссия, Кыргызстан, Косово, Македония, Молдавия, Черногория, Румыния, Сербия, Турция, Туркменистан, Украина, Узбекистан и Таджикистан, объявляется открытым.

Подробная информация на сайте:
www.pre-art.ch/index.php?musik-1-3-tbl_1_15&w=8#a_8%22

Принимаются квартетные сочинения для флейты, гобои, саксофона и виолончели.
**Сроки подачи документов до 31 октября 2009 года.**

http://www.pre-art.ch/index.php?musik-1-3-tbl_1_15&w=a_8